СУРАТМАҶЛИСИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 31.10.2026, №77 **ш. Душанбе**

Раискунанда: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Раиси шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар ҷаласаи имрӯза иштирок карда наметавонад. Бинобар ин, муовини раиси шурои диссертатсионӣ раисикунадаи ҷаласаи имрӯза аст. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз мекунем. Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2025, фармоиши №356 тасдиқ шудааст, 14 нафар ҳузур доранд. Аз инҳо 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мебошанд. Кворум ҳаст. Оид ба баргузории маҷлиси шурои диссертатсионӣ чӣ гуна таклифу пешниҳодҳо ҳаст? Пешниҳод гардид, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ оғоз карда шавад.

Аз аъзои шурои диссертатсионӣ хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро муайян кунанд. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи докторант (PhD)-и кафедраи менеҷмент ва маркетинг Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050701 – менеҷмент.

Роҳбари илмӣ: Одиназода Шоҳин Талбак - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

-Мирсаидов Саидакмал Аврорович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

-Абдулов Дилшод Назарович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти қафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Муассисаи пешбар - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

Раисикунанда: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешниҳодшуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии хуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи докторант ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гулов Шерали Маҳмадсаидович дода мешавад.

Гулов Ш.М.: Маълумотномаи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборовичро қироат мекунад.

Раисикунанда: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Ташаккур шинед. Сухан ба унвонҷӯй Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад. Тибқи Низомнома барои маърӯза 20 дақиқа вақт дода мешавад. Марҳамат.

Абдусаломов Ф.: Баромад мекунад.

Раисикунанда: Кӣ ба Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович савол дорад? Марҳамат аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Обидов Ф.С., д.и.и., профессор Ғаниев Т.Б., д.и.и., профессор Умаров Ҳ., д.и.и., профессор Шамсзода И.С. ва д.и.и., профессор Шерова Н.Д.

Абдусаломов Ф.: Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

Раисикунанда: Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя.

Сухани навбатӣ ба роҳбари илмии докторант Одиназода Шоҳин Талбак, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дода мешавад. Марҳамат..

Одиназода Ш.Т. Роҳбари илмӣ тақризро мехонад (тақриз замима мегардад).

Раисикунанда: Ташаккур.

Раисикунанда: Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ номзади илмҳои иқтисодӣ Гулов Шерали Маҳмадсаидович барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсияи навишташуда ба шуро ворид гардидаанд, дода мешавад.

Гулов Ш.М.: Қироат мекунад.

1.Хулосаи комиссияи экспертӣ.

2.Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

3.Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

Раиси Шуро: Ташаккур! Сухан ба докторант барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

Абдусаломов Ф.: Ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва ба эродҳои ба автореферати диссертатсия воридгардида ҷавоб мегардонад.

Раисикунанда: Ташаккур. Сухан ба котиби илмии Шуро Гулов Ш.М. барои қироати тақризи муқарризи расмӣ Мирсаидов Саидакмал Аврорович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дода мешавад. Мараҳамат

Гулов Ш.М: Тақризро мехонад.

Раисикунанда: Ташаккур. Сухан ба докторант Абдусаломов Ф. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Абдусаломов Ф.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раисикунанда: Ташаккур. Сухан ба муқарризи расмӣ Абдулов Дилшод Назарович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дода мешавад. Марҳамат.

Абдулов Д.Н. - Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

Раисикунанда: Ташаккур, Сухан ба докторант Абдусаломов Ф. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

Абдусаломов Ф.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

Раисикунанда: Ташаккур. Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ба мубоҳиса мегузарем. Аз мутахассисон кӣ мехоҳад баромад кунад? Баромад намуданд: д.и.и., профессор Обидов Ф., д.и.и., профессор Низамова Т.Д., д.и.и., профессор Қандиерова Д.О. ва д.и.и., профессор Умаров Х.

Раисикунанда: Боз ягон нафари дигар баромад мекунад? Нест? Сухан ба докторант Абдусаломов Ф. барои посух додан ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ, ҳамзамон ҷиҳати ироаи сухани ҷамъбастӣ дода мешавад.

Абдусаломов Ф.: Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад. Ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

Раисикунанда: Саломат бошед, шинед. Бо ҳамин муҳокима ва мубоҳисаи диссертатсия ба итмом мерасад. Устодони муҳтарам ва аъзоёни Шуро, ба овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои ин зарур аст, ки мувофиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026) комиссияи ҳисоб интихоб карда шавад.

Кӣ чӣ таклиф дорад оид ба аъзои комиссияи ҳисоб, марҳамат? Пешниҳод шуд, ки комиссияи ҳисоб барои шумурдани овозҳо дар ҳайати профессорон Раҳимзода Ҳ.Р., Шамсзода И.С. ва Шерова Н.Д. ташкил карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ ҷонибдори дар ҳамин ҳайат ташкил шудани комиссияи ҳисоб мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид (овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

Раисикунанда: Ташаккур. Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ақнун сухан ба раиси комиссияи хисоб д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р. дода мешавад.

Раҳимзода Ҳ.Р.: Муҳтарам раисикунанда, муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ иҷозат диҳед шуморо бо протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоб, ки шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 аз 31 октябри соли 2026 интихоб намудааст, шинос намоям (протоколи комиссияи ҳисобро мехонад).

Раисикунанда: Ташаккур. Кӣ ҷонибдори он аст, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад. хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Ба қабули матни хулоса аз руйи диссертатсияи Абдусаломов Фуҳроб Рустам мегузарем, ки қаблан лоиҳаи он ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим шуда буд. Аъзои шуро чӣ гуна эрод, пешниҳод ё илова доранд?

Аъзои шуро: Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

Раисикунанда: Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи шурои диссертатсионӣ аз руйи диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷмриддин мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раисикунанда: Иҷозат диҳед, қарори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Абдусаломов Фуҳроб Рустам эълон намоям.

ҚАРОРИ
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 31.10.2026, №77 **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050701 – менеҷмент) тақризи роҳбари илмӣ - д.и.и., дотсент Одиназода Шоҳин Талбак, тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, тақризи муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - Мирсаидов Саидакмал Аврорович, номзади илмҳои иқтисодӣ - Абдулов Дилшод Назарович, баромади аъзои шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Обидов Ф.С., д.и.и., профессор Низамова Т.Д., Қандиерова Д.О. ва д.и.и., профессор Умаров Ҳ. шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инъунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050700 – менеҷмент (6D050701 – менеҷмент), ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои

илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми августи соли 2026, № 591) ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборовичро бо дипломи дараҷаи доктори фалсафа (PhD) сарфароз гардонад.

Раисикунанда: Кӣ тарафдори қарори зикршуда бошад, овоз диҳед. Кӣ тарафдор? Ташаккур. Зид, бетараф - нестанд. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Раисикунанда: Иҷозат диҳед докторантро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи доктори фалсафа (PhD) табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Ба ҳамин маҷлиси шурои диссертатсионӣ пушида эълон мегардад.

Раисикунандаи ҷаласа,
д.и.и., профессор — Собирзода Н.М.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Гулов Ш.М.

31.10.2026 с.